Бояд эътироф намуд, ки ҳарду кишвар дар бисёр бахшҳои рушд, иқтисод, фарҳанг, маърифат ва ҳам сиёсат таҷрибаи ғанӣ ва наздикию ҳамсониҳо доранд, ки роҳро барои ташкили барномаҳои омӯзишӣ ва рушди донишҳои замонавӣ боз мекунад. Дар ин замина табодули донишҳо, таҷрибаомӯзии устодону донишҷӯёни муассисаҳои олии таълимӣ зарур дониста мешавад.

Тоҷикистон ва Миср ду кишвари пешоҳангу ташаббускор дар минтақаҳои худ ҳастанд ва аҳамияти геостратегии ин ду минтақа дар сиёсатҳои тағйирёбандаи ҷаҳонӣ, зарурати ҳамоҳангии пайваста ва мутақобилаи байни онҳоро дар бисёр масъалаҳо тақозо менамояд, то ки сулҳу субот, пешрафту шукуфоӣ ва некуаҳволии мардумони худро пойдор нигаҳ доранд.

масъалаҳои мавриди таваҷҷуҳи ҳарду ҷониб дидгоҳҳо ва тадбирҳои ҳамсон дошта бошанд. Таваҷҷуҳи хоса дар сатҳи ҷаҳонӣ, ба хусус ба таҳдидҳои терроризму ифротгароӣ, зеҳни сунъӣ ва ахлоқи он, гиромидошти арзишҳои инсонӣ, ҳифзи соҳибихтиёрӣ ва истиқлоли давлатҳо ва дахолат накардан ба корҳои дохилии онҳо, таҳкими сулҳу субот дар ҷаҳон, пешгирӣ аз дигаргуншавии иқлим, ҳифзи захираҳои обӣ ва зарурати ҳамкорӣ дар ин заминаҳо равона мегардад. Доир ба ҳамаи ин масъалаҳо ва дигар мавзӯъҳои муҳимтарини ҷаҳонию минтақавӣ Тоҷикистону Миср дидгоҳҳои ҳамсон ва ё наздик доранд.

Ин умумияту қаробат, аз ҷумла дар изҳороти мақомоти расмии ду кишвар пайваста дида мешавад, ки ба густариши робитаҳои минбаъда дар самтҳои зерин заминаи созгор эҷод менамояд:

1- Идомаи мулоқотҳои сиёсии раҳбарони ду кишвар ва дар ин замина роҳандозии сафари расмии Абдулфаттоҳ Ас-Сисӣ, Президенти Ҷумҳурии Арабии Миср ба Тоҷикистон, бо ифтитоҳи сафорати Миср дар Душанбе;

2- Идомаи мулоқотҳои муштараки мақомоти сиёсӣ ва амниятии ду кишвар;

3- Аҳамияти таъсиси зеркомиссияҳои соҳавӣ дар чаҳорчӯби комиссияи муштараки байниҳукуматӣ, ки ба таври мунтазам нишастҳо баргузор намуда, роҳҳои таҳкими равобити ду кишварро дар бахшҳои корашон баррасӣ намоянд;

4- Таъкид ба нақши расонаҳо дар ироаи тасвири мутақобила аз воқеияти авзоъ дар ду кишвар ва муаррифии имконоти густариши ҳамкории муштарак;

5- Таъкид ба ҳамкорӣ дар соҳаи фарҳанг ба маънои васеъ (намоишгоҳҳои бадеӣ, синамоӣ, театрӣ, китобӣ, табодули ҳайатҳои фарҳангӣ ва ғайра), зеро фарҳанг ба таҳкими қаробати мардумон мусоидати фаъол менамояд;

6- Таъкид ба ҳамгироии муассисаҳои динии ду кишвар дар интишори таълимоти дурусти дини мубини ислом;

7- Васеъ кардани созишномаҳои дӯстӣ ва ҳамкорӣ миёни вилоятҳои ду кишвар, монанди созишномаи дӯстӣ ва ҳамкорӣ миёни вилояти

Оянда роҳест, ки бештар аз ҳама мизони наздикшавии кишварҳоро ифода мекунад. Муносибатҳои байни кишварҳо дар таърихи онҳо ҳар қадар устувор бошанд ва дар имрӯзи онҳо васеътар шаванд, бодҳои оянда ҳамон қадар самтҳои бештари ҳамкории муштаракро ба бор хоҳанд овард. Муносибатҳои Тоҷикистону Миср, ки тайи се даҳсолаи охир шоҳиди ҳамгироии гуногунҷанба буд, дар мулоқотҳои сатҳу зинаҳои гуногуни расмӣ ва ғайрирасмӣ як қатор созишномаҳо ва ёддоштҳои ҳусни тафоҳум ба мувофиқа расиданд, ки ҷараёни муносибатҳои ду кишварро муайян карда, барои ояндаи пурсамар дурнамои равшан боз намуданд, аз ҷумла

дар заминаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангию маърифатӣ ва расонаӣ.

Аз ин лиҳоз, ояндаи ду кишвар ҳамроҳ бо густариши ҳамкорӣ ва наздикшавии бештар дар бахшҳои мухталиф хоҳад буд, ки онро ба се меҳвари асосӣ метавон тақсим кард:

Якум - Тафоҳумҳои сиёсӣ.

Дар миёни раҳбарони сиёсӣ, инчунин дар сатҳи вазирон ва масъулони аршад, ду кишвар муваффақ шудаанд, ки дар бисёр

Боби чорум

Тоҷикистон ва Миср... рӯ ба ҳамгироии оянда



Мулоқотҳо бо ҷамъияти тоҷикони муқими Миср, ки барои муайян кардани ниёзҳои онҳо ва рафъи ҳама гуна монеаҳое, ки ба шеваи кору зиндагии онҳо монеа эҷод мекунанд, баргузор мегарданд.





Мулоқотҳо бо тоҷирони бонуфуз ва боздидҳо аз корхонаю муассисаҳои истеҳсолӣ, ки ҳадаф аз он густариши ҳамкории амалӣ дар бахшҳои мухталиф, аз қабили гардишгарӣ, кишоварзӣ, дорусозӣ, атриёт, чармгарӣ, бофандагӣ, мебел, истихроҷу коркарди маъданҳо ва ғайра мебошад.

Вохӯрӣ бо Аҳмад Ал-Севедӣ, роҳбари ширкати Ал-Севедӣ электрик

Вохӯрӣ бо Нагиб Суарес роҳбари ширкати Ораском

3 - Фабрикаи фармасевтии EPICO

4 - Корхонаи қолинбофии Носиҷуни шарқиюн

5 - Фабрикаи мебели «Асал» дар шаҳри нави музофоти Думёт

6 - Корхонаи маҳсулоти ширии Катилу

7- Корхонаи коркарди пӯсти табиӣ







3- Мулоқот бо хонум Манал Авад, волии музофоти Думёт

4- Мулоқот бо Ашраф Атия, волии музофоти Асвон







2- Мулоқот бо Муҳаммад Шариф, волии музофоти Искандария



Мулоқотҳо бо як қатор волиёни музофотҳои Миср

1- Мулоқот бо Холид Фуда, волии музофоти Синайи Ҷанубӣ




شبه جزيرة سيناء
البحر المتوسط
محافظة
سيناء
رأس سدر



4 - Мулоқот бо Ёвари вазири корҳои хориҷии Миср дар умури парлумонӣ Осим Ҳанафӣ, 30 марти 2022





3- Мулоқот бо Ёвари вазири корҳои хориҷии Миср Салоҳиддин Абдуссодиқ, 24 феврали соли 2022



2- Мулоқот бо Ёвари вазири корҳои хориҷии Миср Ёсир Ризо, 17 ноябри соли 2021



Таъкид гардид, ки ду ҷониб аз имкону захираҳои фаровони рушди ҳамкории дуҷониба дар бахшҳои гуногуни иқтисоду тиҷорат, сармоягузорӣ, саноат, кишоварзӣ, сайёҳӣ ва ғайра бояд пурсамар истифода баранд.

Мулоқотҳо дар Вазорати корҳои хориҷии Миср

Сафирони Тоҷикистон бо мақомоти Вазорати корҳои хориҷии Миср бо ҳадафи пайгирии масъалаҳои ҳалталаби ду кишвар ва баррасии роҳҳои таҳкими робитаҳо ва диверсификатсияи бахшҳои ҳамкорӣ пайваста мулоқотҳо анҷом медиҳанд.

1- Мулоқот бо Ёвари вазири корҳои хориҷии Миср Ториқ Ал-Васимӣ дар умури Осиё, 26 октябри соли 2020




NVESTMEN



4. Вохӯрии Сафир Заробиддин Қосимӣ бо Раиси Идораи омми сармоягузорӣ ва минтақаҳои озоди Миср Ҳисом Ҳайба, ки 25 декабри соли 2023 баргузор гардид, ба татбиқи амалии тавофуқоти сатҳи олӣ миёни сарварони ду кишвар доир ба истифода аз имкону захираҳои фаровон барои табодули сармоягузорӣ миёни ду кишвари дӯст равона буд.

бо номи “раванди Душанбе” зикр мегардад, пайваста аз ҷониби Миср ва дигар шарикони рушди устувор мавриди дастгирӣ қарор мегирад. Аз ҷумла ташаббуси 5-уми Тоҷикистон доир ба “Соли ҳифзи пиряхҳо” эълон намудани соли 2025 пас аз ҳамоиши иқлими COP-27 дар шаҳри Шарм-уш-Шайхи Миср аз ҷониб Созмони Милали Муттаҳид пазируфта шуда, 21 март – “Рӯзи байналмилалии пиряхҳо” эълон шуд. Дар чаҳорчӯби ин ташаббус Фонди байналмилалии ҳифзи пиряхҳо таъсис меёбад ва соли 2025 нахустин Конфронси байналмилалии ҳифзи пиряхҳо дар Тоҷикистон баргузор хоҳад шуд.

Ёдовар бояд шуд, ки моҳи июни соли 2022 Вазири вақти обёрӣ ва захираҳои оби Миср доктор Муҳаммад Абдулотӣ дар Конфронси байналмилалии оби Душанбе иштирок намуда буд.

Дар ҳамин замина мешавад аз иштироки муовини якуми вазири энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷамшед Шоимзода дар панҷумин Ҳафтаи оби Қоҳира, ки моҳи октябри соли 2022 баргузор гардида буд, ёдовар шавем.





2- Мулоқоти Сафир бо Вазири муҳити зисти Миср доктор Ясмин Фуад, ки 6-уми декабри соли 2022 баргузор гардид, бозгӯй аз муштаракоти зиёд ва ҳамгироии наздики Тоҷикистону Миср дар самти ҳифзи муҳити зист, пешгирӣ аз гармшавии иқлим ва мутобиқшавӣ ба оқибатҳои ин раванди глобалӣ мебошад. Тоҷикистону Миср ду аъзои фаъоли эътилофи ҷаҳонии обу иқлим буда, ҳамгироии наздики онҳо амри табиӣ ва басо зарурӣ аст.

3- Вохӯриҳои Заробиддин Қосимӣ бо ду Вазири обёрӣ ва захираҳои обии Миср Муҳаммад Абдулотӣ ва Ҳонӣ Сувайлим низ дар доираи шарокати наздики Тоҷикистону Миср дар масоили обу иқлим сурат гирифта, ба ҳамоҳангсозии мавқифҳои ҳарду ҷониб дар арсаҳои минтақавию ҷаҳонӣ дар ин раванд равона гардидааст. Ҷойи зикри хос аст, ки ташаббусҳои ҷаҳонии Тоҷикистон дар соҳаи об, ки дар рӯзномаи Созмони Милали Муттаҳид



1- 23 ноябри соли 2020 зарурати густариши ҳамкории дуҷониба дар соҳаи сайёҳӣ зимни мулоқоти сафири тоҷик бо собиқ вазири сайёҳӣ ва ёдгориҳои бостонии Миср, доктор Холид Ал-Анонӣ, аз ҷумла омӯзиши ёдгориҳои таърихию фарҳангӣ, табодули таҷрибаю маҳорат ва роҳандозии парвозҳои мустақим миёни шаҳрҳои ду кишвар таъкид гардид.







Истиқбол аз Сафири Тоҷикистон Заробиддин Қосимӣ аз ҷониби Аҳмад Абулғейт, дабири кулли Иттиҳоди Давлатҳои Арабӣ

Вохӯриҳои Сафири Тоҷикистон Заробиддин Қосимӣ бо чанде аз вазирони Миср






Дидори Сафири Тоҷикистон Заробиддин Қосимӣ бо доктор Аҳмад Ат-Тайиб, шайхи Ал-Азҳари шариф







Мулоқоти Сафири Тоҷикистон Заробиддин Қосимӣ бо мушовир Абдулваҳҳоб Абдуррозиқ, раиси Сенати Миср


KADER

2- Сафир Хусрав Нозирӣ ба ҳайси сафири дувуми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Арабии Миср дар таҳким ва густариши робитаҳои дӯстӣ ва ҳамкорӣ миёни ду кишвар, ба хусус дар самтҳои илму фарҳанг, таърихшиносӣ, китобдорӣ ва дипломатияи бисёрҷониба фаъолияти пурсамар дошт.

3- Сафир Заробиддин Қосимӣ, севумин Сафири Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Арабии Миср аз 31 августи соли 2020 ба ин сӯй ин масъулияти пуршарафро ба уҳда дорад.

Қаблан Заробиддин Қосимӣ дар вазифаҳои гуногуни омӯзгорӣ, илмӣ, расонаӣ ва дипломатӣ дар ниҳодҳои мухталифи Тоҷикистон фаъолият намудааст. Аз ҷумла вазифаҳои ходими илмии Пажӯҳишгоҳи ҳуқуқ ва фалсафаи шарқи Академияи илмҳои Тоҷикистон, сухангӯии расмии вазоратҳои корҳои дохилӣ ва мудофиа, Директори Агентии миллии иттилоотии Ховар, мушовири Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Муовини роҳбари Хадамоти матбуотии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро адо намудааст. Дар фаъолияти дипломатӣ бошад, пеш аз таъин шудан ба вазифаи Сафири Фавқулода ва Мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Арабии Миср беш аз 4 сол ҳамин гуна масъулиятро дар Подшоҳии Арабистони Саудӣ бар душ дошт.

Сафир Заробиддин Қосимӣ пас аз супурдани эътимодномаи худ ба Президенти Ҷумҳурии Арабии Миср Абдулфаттоҳ Ас-Сисӣ тавассути мулоқотҳо бо масъулони воломақоми доираҳои парлумонию ҳукуматӣ, роҳбарони музофотҳо, ташкили чорабиниҳои сиёсию дипломатӣ, фарҳангию расонаӣ ва боздид аз корхонаю муассисаҳо, аз ҷумла аз бахши хусусӣ, барои таҳким ва густариши робитаҳои дӯстӣ ва ҳамкории доираҳои мухталифи миёни ду кишвар ҷаҳду талош менамояд.



Сафир Заробиддин Қосимӣ



Сафир Хусрав Нозирӣ



Сафир Нарзулло Назаров

Сафорати Тоҷикистон дар Қоҳира аз замони таъсисаш дар соли 2007 як ҳалқаи таҳкими равобити Тоҷикистону Миср буда, пули иртибот ва наздикшавии мардумони тоҷику мисрӣ гардидааст.

Сафорат дар тӯли давраи гузашта бо таъкид ба умқи равобити таърихию фарҳангии ду кишвар ва ду мардуми бостонӣ ба тавсеъаи бахшҳои ҳамкорӣ бо ниҳодҳои мухталифи расмӣ, ҷомеа ва бахши хусусии иқтисоди Миср бомаром талош меварзад.

Аз оғози бозшавии Сафорати Тоҷикистон ҳоло севумин Сафири кишвар дар Қоҳира фаъолият дорад.

1- Сафир Нарзулло Назаров, аввалин сафири Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Арабии Миср буд, ки чун асосгузори Сафорат ва роҳкушои робитаҳои босамари дипломатии ду кишвар нақши намоёни таърихӣ гузоштааст. Дар Миср ба забони арабӣ тарҷума шудан ва ба нашр расидани китоби “Тоҷикон дар оинаи таърих”-и Пешвои тоҷикони ҷаҳон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро яке аз самараҳои пуразиши замони фаъолияти ин сафири тоҷик метавон арзёбӣ намуд.

Боби III

Сафорати Тоҷикистон дар Қоҳира... фаъолияти пурсамар ва нақши фаъол



кишвари дӯст пайваста даъват менамоянд.

Мисоли возеҳи чунин рағбат мулоқоти Сарвари давлати Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо Аҳмад Эл-Севедӣ, раиси Шӯрои мудирони ширкати Elsewedy Electric аст, ки 6 ноябри соли 2022 дар Шарм-уш-Шайх баргузор гардид. Дар рафти он масъалаҳои роҳандозии ҳамкорӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта, барои татбиқи лоиҳаҳои гуногуни истеҳсолӣ, инфрасохторӣ ва тиҷоратӣ дар соҳаҳои саноат, энергетика, коммуникатсия, обёрӣ, кишоварзӣ ва технологияҳои сабз тавофуқот ҳосил шуд.

Қобили зикр аст, ки ҳамкории Тоҷикистон бо ширкати Elsewedy Electric дар тӯли муддате густариш ёфт ва дар ҷараёни он мо шоҳиди имзои як қатор ёддоштҳои ҳусни тафоҳум гардидем, ки дар таҳкими ҳамкории тиҷорӣ, иқтисодӣ ва сармоягузории ду кишвар таконбахш шуд.

• татбиқи амалии натиҷаҳои форуми сармоягузории Тоҷикистону Миср, ки дар ҳошияи сафар баргузор гардид ва дар пайи он 11 ёддошти ҳусни тафоҳум ба имзо расид, аз ҷумла миёни Палатаи савдо ва саноати Тоҷикистон ва Федератсияи умумии палатаҳои савдои Миср.

Ҷойи зикр аст, ки ширкатҳои дорои рағбати сармоягузорӣ дар кишварҳои ҳамдигар аз ҳарду ҷониб зиёданд.

Таъкид бояд дошт, ки ба иштироки васеи бахши хусусӣ дар густариши ҳамкории иқтисодию тиҷоратӣ ва сармоягузорӣ роҳбарияти ҳарду





• Фаъолсозии нақши Коиссияи муштараки байниҳукуматӣ, ки соли 2009 таъсис ёфта, ҷаласаи нахустини он ҳамон сол дар шаҳри Душанбе ва баъдан ҷаласаи дуюмаш дар шаҳри Қоҳира соли 2019 баргузор гардидааст. Беҳтар аст, ки нишастҳои он на як бор дар 10 сол, балки ақаллан дар 5 сол як дафъа баргузор гардад.

давлати Тоҷикистон ба Қоҳира таъсис дода шуд.

Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар навбати худ, изҳори умедворӣ карданд, ки густариши робитаҳои байнипарлумонии ду кишвар, ба хусус бо назардошти таърихи 150-солаи парламентаризми Миср, дар таҳкими муносибатҳои ду кишвар нақши босамар хоҳад дошт.



муҳим буд, бо назардошти он, ки 60%-и захираҳои обии Осиёи Марказӣ аз ин сарзамин сарчашма мегирад. Ин яке аз кишварҳое мебошад, ки аз дигаргуншавии иқлим, бахусус болоравии ҳарорат, ки боиси зуд об шудани пиряхҳо мегардад, осеб мебинад. Аз ин ҷост, ки чандин ташаббусҳои дар ин самт пешниҳоднамудаи Тоҷикистон аз ҷониби Созмони Милали Муттаҳид пазируфта шудааст.

6- Тақвияти механизмҳои муштараки ҳамкорӣ:

• Гурӯҳи муштараки дӯстии парлумонии Тоҷикистон ва Миср. Раиси Сенати Миср, мушовир Абдулваҳҳоб Абдуррозиқ дар вохӯрӣ бо муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таҳкими механизмҳои ҳамкории парлумониро амри зарурӣ номида, иттилоъ дод, ки гурӯҳи дӯстии парлумонӣ аз ҷониби Миср дар арафаи сафари расмии Сарвари



муштараки иқтисодӣ, ба хусус дар бахшҳои истихроҷи маъдан, кишоварзӣ, захираҳои об, ба ҳадди аксар расонидани фоида аз гидроэнергетика, гардишгарӣ, тандурустӣ ва ба хусус дорусозӣ, ки бахши аъзами содироти Миср ба Тоҷикистонро ташкил медиҳад. Дар ин замина як қатор ёддоштҳои ҳусни тафоҳум ва созишномаҳои ҳамкорӣ дар бахшҳои кишоварзӣ, ҷавонон ва варзиш ва таҳсилоти олӣ, китобдорӣ ва бойгонӣ, дӯстӣ ва ҳамкорӣ миёни вилояти Хатлони Тоҷикистон ва музофоти Синайи Ҷанубии Миср ба имзо расид.

5- Ҳамкорӣ барои муқовимат бо дигаргуншавии иқлим бо иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҳамоиши иқлими Созмони Милали Муттаҳид (COP-27), ки моҳи ноябри соли 2022 аз ҷониби Миср дар Шарм-уш-Шайх баргузор шуд. Иштироки Тоҷикистон дар ин ҳамоиш хеле



бо ҷиноятқорӣ аз соли 2007 сурат мегирад.

2- Таъкид бар ҳалли мусолиматомези бӯҳронҳои байналмилалӣ, зеро ин ба ҷавҳари сиёсати хориҷии ҳарду кишвар созгор аст. Ҳарду кишвар бо роҳҳои сиёсӣ ва дипломатӣ ҳалли бӯҳронҳои минтақавӣ ва ҷаҳониро афзал дониста, роҳи низомиро истисно мекунанд. Таъкид бар он медоранд, ки бӯҳронҳои Ховари Миёна, Африқои Шимолӣ ва Афғонистон бо роҳҳои дипломатию сиёсӣ ва бо эҳтироми нақшу ҷойгоҳи созандаи Созмони Милали Муттаҳид ва Созмони ҳамкории исломӣ ҳаллу фасл шаванд.

3- Бархурдорӣ аз моделҳои рушди ҳамдигар, зеро Тоҷикистон ва Миср барномаю стртегияҳои ба ҳам наздики рушди иҷтимоию иқтисодӣ доранд.

4- Тақвияти ҳамкории



масоили об ва дигаргуншавии иқлим таъкид карданд, ки Тоҷикистон талошҳо ва сармоягузории худро барои афзун намудани ҳаҷми неруи тақдидшаванда дучанд менамояд.

Аз ду боздиди ахири дорои аҳамияти таърихӣ ба таври зайл метавон натиҷагирӣ намуд:

1- Ҳамкории амниятӣ ва мубориза бо терроризм, зеро саронии ду давлат ба мувофиқа расиданд, ки ҳамоҳангсозии муштарак дар соҳаи амният ва табодули иттилоот ва таҷриба дар соҳаи мубориза бо терроризму ифротгароӣ, ҷиноятҳои созмонёфтаи фаромиллӣ, киберҷинояткорӣ ва қочоқи аслиҳа, ки хатарҳои ҷаҳонӣ мебошанд, тақвият дода шавад. Таъкид гардид, ки дар баробари муқовимати низомиву амниятӣ ҳамгироии фарҳангӣ ва зеҳнӣ дар муқовимат бо терроризм ва идеологияи ифротӣ зарур аст. Чунин ҳамкорӣ дар доираи созишномаи байни ду кишвар барои мубориза



6 ноябри соли 2022 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои иштирок дар ҳамоиши 27-уми Конфронси ҷонибҳои Конвенсияи намунавии Созмони Милали Муттаҳид оид ба дигаргуншавии иқлим ба шаҳри Шарм-уш-Шайхи Ҷумҳурии Арабии Миср ташриф оварда, аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Арабии Миср мавриди истиқболи гарму самимӣ қарор гирифтанд.

Сарвари давлати Тоҷикистон дар ифтитоҳи ҳамоиши мазкур иштирок ва суханронӣ намуда, дар маросими кушода шудани павилёни оби конфронс ҳамроҳи Сарвазири Ҷумҳурии Арабии Миср доктор Мустафо Мадбулӣ ва Сарвазири Подшоҳии Нидерланд Марк Рютте ҳузур доштанд. Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз ҳукумати Миср барои таъсиси Павилёни об изҳори сипос карда, бо назардошти алоқамандии




United Nations
Climate Change


COP27
SHARM EL-SHEIKH
EGYPT 2022

5. Сафари Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон барои иштирок дар Ҳамоиши иқлим (COP-27) дар шаҳри Шарм-уш-Шайх







Г - Боздид аз Осорхонаи миллии тамаддуни Миср:

Сарвари давлати Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз Осорхонаи миллии тамаддуни Миср дидан карда, бо ганҷҳои он ва осори пурғановати Мисри бостонӣ ошно шуданд.

Ин осорхона яке аз бузургтарин осорхонаҳои ҷаҳон маҳсуб мешавад, ки тамаддуни Мисрро дар тӯли садсолаҳо намоиш медиҳад ва осори антиқаи нодири таърихи башарро ба намоиш мегузорад.

Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҷараёни боздид аз Осорхонаи миллии тамаддуни Миср ба китоби меҳмononи олимақом ёддошт гузошта, ба Миср тавсеъа ва пешрафту шукофоӣ таманно намуданд.




رئيس جمهورية طاجيكستان




أ.د. خالد عبد الغفار
وزير التعليم العالي والبحث العلمي
أ.د. محمد الخشت
رئيس جامعة القاهرة
حفل منح الدكتوراه الفخرية
لفخامة الرئيس
إمام علي رحمان
رئيس جمهورية طاجيكستان

В - Ташрифи муҳтарам ЭмомалӣРаҳмонбаДонишгоҳи Қоҳира ва сарфарозӣ бо унвони доктори фахрӣ

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои саҳми арзанда дар таҳкими дӯстӣ ва ҳамкории Тоҷикистону Миср ва тарғиби арзишҳои олии сулҳу оштӣ, густариши робитаҳои амниятӣ, илмию фарҳангӣ, башардӯстона ва ба хусус ташаббусҳои ҷаҳонӣ дар бахшҳои обу иқлим, бо қарори Шӯрои илмӣ-таълимии Донишгоҳи Қоҳира ва роҳбари Донишгоҳи Қоҳира доктор Усмон Алхошт бо унвони «Доктори фахрӣ» дар соҳаи адабиёт сарфароз гардонда шуданд.




الهيئة العامة للاستثمار والمناطق الحرة
Authority for Investment & Free Zones

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Сарвазири Ҷумҳурии Арабии Миср доктор Мустафо Мадбулӣ дар ифтитоҳи форуми тоҷирон, ки дар он як зумра соҳибкорону сармоягузорон аз Тоҷикистон ва Миср ҳузур доштанд, иштирок намуда, онҳоро ба таҳким ва густариши робитаҳои тиҷоратию иқтисодӣ ва сармоягузорӣ ташвиқ намуданд.

Зимнан зикр бояд намуд, ки дар ҳошияи ин форум 12 санади ҳамкорӣ ба имзо расид.






робитаҳои байнипарлумонии ду кишвар дар партави муносибатҳои бародаронаи миёни сарони ду давлат Эмомалӣ Раҳмон ва Абдулфаттоҳ Ас-Сисӣ таъкид гардид.

Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон изҳори умедворӣ намуданд, ки Тоҷикистон аз таҷрибаи қонунгузории Миср, ки таърихи беш аз 150-сола дорад, баҳра мебарад ва ҳамчунин табодули маҳорату таҷриба ба нафъи ҳарду кишвар хизмат хоҳад кард.

Дар пайи ин дидор Гурӯҳи дӯстии парлумонии Тоҷикистону Миср таъсис дода шуд, ки як иқдоми хеле муҳим аст.

Б - Иштироки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Форуми соҳибкорони ду кишвар



дар навбати худ, ба равобити муштараки фарҳангӣ ва таърихии Қоҳира ва Душанбе баҳои баланд дода, таваҷҷуҳи Мисрро ба густариши равобити дуҷониба ва табодули таҷриба дар бахшҳои мухталиф таъкид доштанд.

Зимнан густариши ҳамкории ду кишвар дар бахши ҳамгироӣ бар зидди терроризму ифротгароӣ ва дигар хатарҳои ҷаҳонӣ ва ҳамкорӣ дар доираи созмонҳои минтақавию ҷаҳонӣ, ба хусус атрофи мавзӯъҳои обу иқлим зарур дониста шуд.

Вохӯриҳо дар ҳошияи сафар

Сарвари давлати Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳошияи сафар як қатор мулоқотҳои муҳим анҷом доданд.

А- Мулоқот бо раиси Сенати Миср, Абдулваҳҳоб Абдуррозиқ, ки зимни он зарурати тавсиаи минбаъдаи











خريطة
القطر المصري











кишвар (10 март) то лаҳзаҳои охири боздид ба назар мерасид.

Зимни вохӯрии расмии сарони ду давлат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, аз сафари навбатӣ ба Миср ва дидор бо Абдулфаттоҳ Ас-Сисӣ, Президенти муҳтарами Ҷумҳурии Арабии Миср изҳори хушнудӣ карда, ба сатҳи анъанавии равобит ва муҳтавои ҳамкории ду кишвар дар масоили дуҷониба ва минтақавию ҷаҳонӣ баҳои баланд доданд. Ҳамзамон таъкид бар он доштанд, ки имкону захираҳои фаровони барои рушди ҳамкории дуҷониба мавҷуда, аз ҷумла дар бахшҳои иқтисод ва тиҷорат, сармоягузорӣ, энергетика, истихроҷ ва коркарди маъданҳо, кишоварзӣ, дорусозӣ, нассоҷӣ, сайёҳӣ ва ғайра, бояд васеъ истифода шаванд.

Абдулфаттоҳ Ас-Сисӣ, Президенти муҳтарами Ҷумҳурии Арабии Миср,



А - Рӯзи 20-уми май дар шаҳри Риёзи Подшоҳии Арабистони Саъудӣ дар ҳошияи ҳамоиши саронии давлатҳои арабию исломӣ ва Амрико;

Б - Рӯзи 5 сентябр дар шаҳри Сиямени Ҷумҳурии Мардуми Чин дар ҳошияи муколамаи кишварҳои рӯ ба тараққӣ ва аъзои гурӯҳи БРИКС;

Бешубҳа ду дидори соли 2017 ба густариши робитаҳои ду кишвар нақши бориз гузоштанд.

4. Сафари дувуми расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Ҷумҳурии Арабии Миср дар соли 2022, ки басо хотирмон буд.

Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 9 марти соли 2022 вориди Қоҳира шуданд.

Фазои гарму самимияти баланд дар ҷараёни ин сафар сар карда, аз вохӯриҳои сатҳи олии саронии ду





Тоҷикистон, дар шаҳри Шарм-уш-Шайхи Ҷумҳурии Арабии Миср барои иштирок дар ин ҳамоиши машваратӣ қарор доштанд, ки зимни он мулоқотҳои зиёди дуҷониба бо саронии як қатор давлатҳо ва созмонҳои минтақавию ҷаҳонӣ баргузор гардид.

Дар ҳошияи ин сафар бо иштироки муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Сарвари давлати Тоҷикистон ҳамчунин маросими муаррифии китоби “Тоҷикон дар оинаи таърих”, ки дар ҳаҷми чаҳор ҷилд дар Миср ба забони арабӣ тарҷума ва ҳамакнун нашр шуда буд, баргузор гардид. Зимнан иштирокдорони маҳфил ба арзишҳои таърихӣ ва фалсафию фарҳангии китоб, ки умқи тамаддуни тоҷикон ва решаҳои онро дар таърихи башар равшан кардааст, баҳои баланд доданд.

3. Мулоқотҳо дар ҳошияи нишастҳои ҷаҳонӣ дар соли 2017:

Сарвари давлати Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва муҳтарам Абдулфаттоҳ Ас-Сисӣ, Президенти Ҷумҳурии Арабии Миср, дар соли 2017 ду маротиба мулоқот доштанд:





2. Созишнома оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи энергетика;

3. Созишнома оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи мубориза бар зидди ҷиноятқорӣ;

4. Созишнома оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи фарҳанг;



5. Созишнома оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи маориф;

6. Ёддошти тафоҳум дар бораи ҳамкорӣ миёни Палатаи савдо ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи умумии палатаҳои савдои Ҷумҳурии Арабии Миср.

Дар ҳошияи сафар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо мақомоти баландпояи Миср ва расонаҳои мисрӣдидоругуфтугӯҳоизиёдеанҷом дода, ба умқи равобити ду кишвар таъкид кардааст, ки барҷастатарини ин дидорҳо инҳоянд:

А- Мулоқот бо Имоми Акбар, Шайхи Ал-Азҳари шариф доктор Муҳаммад Сайид Тантавӣ;

В- Мусоҳиба бо канали расмии телевизионии Миср Nile News.

2. Сафари Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Миср дар соли 2009.

Ин дувумин сафари Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Миср буд, ки барои ширкат дар нишасти сарони кишварҳои аъзои Ҷунбиши адами тааҳҳуд сурат гирифт. Аз 13 то 17 июли соли 2009 муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, Президенти Ҷумҳурии

ки мавриди таваҷҷуҳи муштарак ҳастанд, бахусус таҳаввулоти вазъ дар Ховари Миёна, Осиёи Марказӣ ва Афғонистон табодули андеша сурат гирифт.

Ҳамчунин роҳҳои таҳкими равобити ду кишвар, аз ҷумла ҳамкории иқтисодӣ, тавсеъаи ҳаҷми тиҷорат ва сармоягузории мутақобила баррасӣ шуд. Дар ҷараёни ин сафар шаш санади марбут ба бахшҳои мухталифи ҳамкорӣ ба имзо расид, ки инҳоянд:

1. Созишнома дар бораи ҳамкории иқтисодӣ, техникӣ ва илмӣ;



Дипломатияи ҳамоишҳо ва мулоқотҳое, ки зимни онҳо, ба хусус дар сатҳи саронии давлатҳо, баргузор мегардад, дар таҳким ва густариши муносибатҳои кишварҳо, тавсеаи роҳҳо ва ё дарёфти нуқтаи наздикӣ миёни онҳо, аз ҷумла дар масоили дорои аҳамияти стратегӣ, метавонад нақши барҷаста гузорад. Ин мулоқотҳо умқи густурдаи равобити ин кишварҳоро инъикос мекунанд. Ин нукта, аз ҷумла дар равобити Тоҷикистону Миср тайи сӣ соли ҳамгироӣ ба таври возеҳ аён мегардад.

Бо назардошти ин, мо метавонем бахшҳои дипломатияи сарваронро ба таври зайл мушоҳида намоем:

1. Нахустин сафари таърихии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Миср аз 4 феврали соли 2007, ки ба оғози татбиқи амалии муносибатҳои дипломатии ду кишвар зербинои боэътимод эҷод намудааст.

Дар ҷараёни дидори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо Муҳаммад Ҳуснӣ Муборак, Президенти вақти Ҷумҳурии Арабии Миср доир ба як қатор масъалаҳои дуҷониба ва минтақавию байналмилалие,

Боби II

Тоҷикистон ва Миср... дипломатияи ҳамоишҳо ва мулоқотҳои сатҳи олӣ

5 октябри соли 2009 дар шаҳри Душанбе, пойтахти Тоҷикистон бо сарпарастии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, саҳмгузории Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи силсилаи маросими гиромидошти имомону уламо бо иштироки ҳудуди 500 нафар аз чеҳраҳои илмӣ ва гурӯҳи калони меҳмонон зиёда аз 50 кишвари дунё баргузор шуд.





Зимни машваратҳо омодагӣ ва таваҷҷуҳи тарафайн барои идомаи тавсеаи равобити дӯстона ва ҳамкории ду кишвар дар ҳама соҳаҳо таъкид шуд.

Дувум – ширкати расмӣ дар чорбиниҳои минтақавию байналмилалӣ, ки дар яке аз ду кишвар баргузор мегардад.

Дар ин бахш аз иштироки роҳбарият ва ҳайати бонуфузи Ал-Азҳари Шариф дар конфронси “Мероси Абӯҳанифа ва муколамаи тамаддунҳо” ёдовар бояд шуд, ки



Ёддошти тафоҳум оид ба ҳамкорӣ миёни Палатаи савдо ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи палатаҳои савдои Ҷумҳурии Мисри Араб3. 3-юми октябри соли 2019 дар пойтахти Миср (Қоҳира) машваратҳои сиёсии ду кишвар баргузор гардид, ки дар он ҳайатҳои ду ҷониб масъалаҳои густариши муносибатҳои дуҷонибаи Тоҷикистону Миср дар арсаҳои гуногун ва ҳамкории байни онҳоро баррасӣ намуданд. Ҳамчунин доир ба ҳамкорӣ дар доираи созмонҳои минтақавию байналмилалӣ табодули афкор сурат гирифт.




جمهورية مصر العربية

2- Ҷаласаи дуюми комиссияи муштараки байниҳукуматӣ дар Қоҳира (2728- ноябри соли 2019) зери ҳамраисии вазири рушди иқтисод ва савдои Тоҷикистон Неъматуллоҳ Ҳикматуллоҳзода ва вазири сармоягузорӣ ва ҳамкории байналмилалии Миср доктор Саҳар Наср баргузор шуд. Дар анҷоми он протоколи нишасти дуюми комиссияи муштараки байниҳукуматии Тоҷикистону Миср оид ба ҳамкории иқтисодӣ ва илмию техникӣ ба имзо расид. Илова ба он се санади дигари ҳамкорӣ низ ба имзо расид:

Ёддошти тафоҳум миёни вазоратҳои фарҳанги ду кишвар;

Ёддошти тафоҳум оид ба ҳамкорӣ байни Корхонаи воҳиди давлатии Тоҷикистон «Тоҷинвест» ва Идораи генералии сармоягузорӣ ва минтақаҳои озоди Миср (GAFI) оид ба густариши муносибатҳои дуҷонибаи сармоягузорӣ;




وزارة الاستثمار والتعاون الدولي
جمهورية مصر العربية

Нахустин мулоқоти сатҳи олӣ миёни сарони ду давлат - Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва собиқ Президенти Ҷумҳурии Арабии Миср Муҳаммад Ҳуснӣ Муборак дар ҳошияи нишасти ҳафтуми сарони давлатҳои Созмони Конфронси Исломӣ моҳи декабри соли 1994 дар Подшоҳии Марокаш баргузор гардид.

Пас аз он мулоқот муносибатҳои ду кишвар бо имзои нахустин созишномаи муштарак дар соҳаи фарҳанг ва илм дар соли 1996 рӯ ба густариш оварда. Тибқи он Хазинаи ҳамкории техникии Ҷумҳурии Арабии Миср бо кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил бо Тоҷикистон низ робитаҳои хуби ҳамкорӣ доир намуд. Ҳоло ин масъулият бар души Бунёди Миср барои ҳамкорӣ ба хотири рушд аст, ки дар назди Вазорати корҳои хориҷӣ фаъолият менамояд ва имрӯз ҳам ин ҳамкорӣ барои бозомӯзии кормандони тоҷик дар бахшҳои мухталиф, аз ҷумла дипломатҳои ҷавон, идома дорад.

Муносибатҳои ду кишвар шоҳиди як қатор равобити судбахш дар сатҳу зинаҳои гуногун аст, ки онҳоро метавон дар ду бахш баррасӣ намуд:

Якум – таъсиси Комиссияи муштараки байниҳукуматии ҳамкории иқтисодӣ ва илмию техникӣ дар пайи сафари расмии муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Қоҳира дар соли 2007 ва доир намудани машваратҳои сиёсӣ. Дар ин миён ду дафъа ҷаласаҳои комиссияи байниҳукуматӣ ва як дафъа машваратҳои сиёсии дуҷониба баргузор шудааст.

1- Ҷаласаи нахустини комиссия дар шаҳри Душанбе аз 23 то 27 январи соли 2009 баргузор шуд. Ҳайати Миср таҳти сарварии вазири ҳамкории байналмилалӣ доктор Фаиза Абуннага ба Тоҷикистон ташриф оварданд ва дар пайи нишасти нахустини комиссияи муштараки байниҳукуматӣ як қатор санадҳои ҳамкорӣ дар соҳаҳои фарҳанг, сайёҳӣ, энергетика, тандурустӣ, кишоварзӣ ва мелиоратсия ба имзо расид.

Роҳбари ҳайати Миср, вазири ҳамкории байналмилалӣ доктор Фаиза Абуннагоро ҳамчунин Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ҳузур пазируфтанд. Доктор Фаиза Абуннаго зимни ин вохӯрӣ нусхаи силсилафилми «Имоми Аъзам Абуҳанифа Нуъмон»-ро ба муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чун ҳадя ба мардуми Тоҷикистон дар соли бузургдошти Имоми Аъзам тақдим намуд.



Дуюм: Муносибатҳои Тоҷикистону Миср аз оғози муносибатҳои дипломатӣ байни онҳо (1993-2023):

Миср яке аз аввалин кишварҳои арабӣ ва африқоӣ аст, ки истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистонро пас аз пошхӯрии низоми шӯравӣ ба расмият шинохт, зеро Тоҷикистон 9 сентябри соли 1991 истиқлолият ба даст оварда ва моҳи январи соли 1992 Миср истиқлоли давлатии онро эътироф намуд ва муносибатҳои дипломатии ду кишвар 1 апрели соли 193 барпо шуд.

Дар забон орад араб шодона ат-Таҳрирро

Нек бинад чеҳраи ояндаи тақдирро...

Шарқ акнун шод бошад аз самар, аз бори худ,

Хаймаи худро занад дар гӯшаи гулзори худ.

Шарқ боғашро намояд ҳифз аз ғоратгарон,

Аз ҳуҷуми гармселу офати боди хазон.

Аввалин бор аст, ки чун офтоби нав-тулӯъ,

Шери сангин пардаи асрор бардорад зи рӯ.

Шери сангин пардаро бардошт... Раъду барқ хест,

Аз Суваийс омад садои халқ: “Мебоист зист!”





Нил агар хоҳад, ба ҳар кас медиҳад ҷолу ҷалол”.

Мисриёнро зистан бе Нил? Ин амри маҳол!

Мардуми ин сарзамин дар рӯзи мотам, рӯзи тӯй

Мекунад бо меҳрубон рӯди бузургаш гуфтугӯй,

Модарон оранд тифлонро ба назди оби рӯд

Бо таваллову тазаррӯъ бо салому бо суҷуд.

Орзу доранд, ки фарзандашон монанди Нил

То абад пурҷӯш бошад, арҷманду софдил.

Асуон лабташнагони Мисрро ёрӣ кунад,

Дар биёбон обҳои Нилро ҷорӣ кунад.



Аз достони “Садои Осиё”

Осиё гӯяд сухан аз печу тоби рӯди Нил,

Аз булӯрин қатраҳои сард – оби рӯди Нил.

Рӯди Нил ояд ба хоки Миср аз роҳи дароз,

Реги саҳро рӯ ниҳад бар Нил бо аҷзу ниёз.

Бо хати хоно навиштанд аз замонҳои қадим,

Ташнагон дар санги хоро мадҳи дарёи азим:

“Нил агар саршор бошад, лаб занад, ҷӯшад, дамад,

Ризқи фаллоҳон фаровон, баҳрашон ояд мадад.

дар китоби худ «Сафарнома» гирд овардааст, ки муҳаққиқону муаррихон тӯли садсолаҳо аз он чун сарчашмаи боэътимоди таърихӣ истифода мекарданд.

Дар даврони давлати Шӯравӣ низ равобити тоҷикону мисриён чашмрас буд, аз ҷумла дар бунёди сарбанди баланди Асвон дар охири солҳои шастуми асри 20 мутахассисони тоҷик ҳамроҳи дигар мардумони шӯравӣ ва худи мисриён саҳми намоён гузоштаанд. Онҳо китф ба китфи ҳам маҷрои дарёи Нилро дигар карда, калонтарин сарбанди замони худро сохтанд ва Мисру мисриёнро аз обхезию хушксолиҳо, ки асрҳо аз он азият мекашиданд, раҳо намуданд. Ҳамчунин коршиносону мутарҷимони низомии тоҷик дар ҳайати коршиносони шӯравӣ барои омӯзиши нерӯҳои Миср пас аз ҳаводиси июни соли 1967 саҳми намоён гузоштаанд.

Дар идомаи ин мавзӯъ месазад, ки ба таври хос аз сафари ба Миср анҷомдодаи шоири достонсарои тоҷик, сиёсатмадори боризи давлати бузурги шӯравӣ, Қаҳрамони Тоҷикистон Мирзо Турсунзода, ки дар замони худ зиёда аз бист сол Раиси Кумитаи якдилии мардумони Осиёву Африқо буд, ёдовар шавем.

Устод Мирзо Турсунзода аз сафари худ ба Миср соли 1957 бо таассуроти бисёр неку хотирмон ба Ватан баргаштааст. Ӯ дар мақолаи худ “Машъали сулҳ” оид ба иштирокаш дар конфронси Қоҳира чунин навиштааст: “Дар бораи он, ки мароми барқарор кардани адолат дар рӯи замин чӣ гуна халқҳои Осиё ва Африқоро фаро гирифтааст, метавонем аз рӯи конференсияи Қоҳира хулоса барорем... Пеш аз сар шудани конференсияи якдилии халқҳои Осиё ва Африқо дар Қоҳира, 23-юми моҳи декабри соли 1957 иди яксолагии ғалабаи мисриён дар Порт-Саид ба муқобили истилогарони аҷнабӣ барпо гардид”.

Шоир дар достони “Садои Осиё” оид ба рӯди шодоби Нил, баҳрабардории деҳқонони мисрӣ аз ин ганҷи ҳаётбахш, фаровонии неъматҳои кишоварзӣ ба туфайли ин дарёи паҳновару ободон, розу таманнои модарони мисрӣ бо тифлони худ дар соҳили он, обёрии биёбонҳо ва заминҳои бекорхобида тавассути обанбори садди Асвон, аҳаммияти канали Суэс, заҳмати рӯзафзун ва пешрафту ободии ин кишвар андешаҳои худро иброз доштааст. Васфи Абулҳавл (Сфинкс) дар ин достон ишора ба тамаддуни бостонии мисриён ва ҳифзи ватану меҳандӯстии мардумони ин кишвар мебошад.

бузургвори мо чун Имом Бухорӣ, Имом Тирмизӣ, Имом Муслим, Имоми Аъзам Абуҳанифа, Сибавайҳ ва Замахшарӣ нақши беназир гузоштаанд.

Яке аз барҷастатарини онҳо донишманди бузурги асри 8 мелодӣ Аҳмади Фарғонӣ буд, ки барои муайян кардани ҳаҷми оби Нил дар минтақаи Маниали вилояти Қоҳира Нилометр ихтироъ кардааст. Ҷойи зикри хос аст, ки Нилометри Аҳмади Фарғонӣ ба мардуми Миср барои огоҳсозии онҳо аз хатари обхезию хушксолӣ то солҳои 60 асри 20, яъне то бунёд ёфтани сарбанди азими нерӯгоҳи обии Асвон хизмат кардааст.



Илова бар ин зикр мегардад, ки Носири Хусрав – донишманди ҷаҳонгард ва шоиру мутафаккири барҷастаи тоҷик дар замони худ ба Миср сафар карда, дар бораи Қоҳира, дарёи Нил, урфу одатҳои мисриён, кӯчаву бозорҳо, роҳҳо ва шаҳракҳои он ёддоштҳо навишта,



бостон ва Ориёноро, ки тоҷикон аз ҷумлаи ворисони он ба шумор мераванд, далелҳои сершуморе собит менамояд. Зикри ҳамин ду далел кофист, ки сарзамини Ороиёно дар чорсӯи Шоҳроҳи Абрешим қарор дошт ва Роҳи Лоҷувард, ки то Ҳинду Бобулу Мисру Юнони қадим тӯл мекашид, аз кӯҳсори сарзамини ниёгони бостони тоҷикон оғоз меёфт.

Бо вуруди дини ислом ба минтақаи Осиёи Марказӣ бисёре аз мардуми тоҷик дар улуми динӣ ва башарӣ бартарӣ пайдо намуданд, ки дар миёни онҳо садҳо мутафаккирон, нависандагон, шоирон, фақеҳон, уламои тиб, астрономия, риёзиёт, география, техника, металлургия, табиатшиносӣ, фалсафа, химия ва ғайра буданд. Онҳо ба тамаддуни башарӣ ганҷинаи донишҳои бебаҳо ба мерос гузошта, дар рушду такомоли илму дониш ва тамаддунҳои Шарқу Ғарб саҳми намоён гузоштаанд. Бузургтарин олимони тоҷик, ки шуҳрати ҷаҳонӣ ва дар рушди улуми табиӣ нақши оламшумул гузоштаанд, Абуалӣ ибни Сино, Абурайҳони Берунӣ, Абунасри Форобӣ, Муҳаммади Хоразмӣ ва бисёри дигаронанд. Дар улуми динии исломӣ низ, аз ҷумла тафсири қуръон, ҷамъоварӣ ва тафсири ҳадисҳои набавӣ ва таҳияи сарфу наҳви забони арабӣ, ниёгони



Бояд ёдовар шуд, ки ҳадафҳои асосӣ аз ташаббуси Пешвои тоҷикони ҷаҳон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон доир ба “Соли Имоми Аъзам Абӯҳанифа” эълон намудани соли 2009 ҳам таъкид бар аҳамияти ҳифзи арзишҳои исломи ҳақиқӣ аз таҳриф ва тафсирҳои нодуруст буд.

Равобити ду кишвар ҳамчунин шоҳиди талошҳои муштарак дар бахшҳои иқтисодӣ, сармоягузорӣ, тиҷоратӣ, саноатӣ ва кишоварзӣ, инчунин ҳамкорӣ дар бахшҳои истихроҷи маъдан, коммуникатсия, технологияҳои иттилоотӣ, тандурустӣ, тиб, энергетика, сайёҳӣ, маориф, пажӯҳишҳои илмӣ, ҳифзи муҳити зист, фарҳанг, васоити ахбори омма, ҷавонон ва варзиш бо таваҷҷуҳ ба таъсиси як шӯрои тиҷоратӣ миёни ду кишвар ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи муносибатҳои ҳамкории онҳо дар ин соҳаҳо мебошад, ки ҳанӯз ба сатҳи равобити сиёсии байнидавлатӣ нарасидааст. Истифодаи имкониятҳои мавҷудаи густариши ҳамкорӣ дар бахшҳои тиҷорат, иқтисоду сармоягузорӣ, энергетика (нафту газ, гидроэнергетика ва дигар манбаъҳои энергияи сабзи тағдидшаванда) ва рушди ҳамкорӣ дар бахшҳои бонкӣ, андоз, сайёҳӣ ва тандурустӣ, татбиқи лоиҳаҳои муштарак аз ҳарду ҷониб зарур дониста мешавад. Инро мавҷудияти сармоягузории мутақобила миёни ду кишвар тақвият медиҳад, зеро дар бозори Тоҷикистон сармоягузории Миср дар чанд бахш рӯ ба афзоиш овардааст, аз ҷумла дорусозӣ, сохтмон, тарабхонаҳо ва мебел. Сармоягузории Тоҷикистон дар Миср ҳам дар бахшҳои тиҷорат, кишоварзӣ ва саноатҳои хурд ба назар мерасад.

Илова бар ин, муносибатҳои ду кишвар метавонанд шоҳиди амиқтар шудани ҳамкории муштараки онҳо дар соҳаи сайёҳӣ бошанд, бо назардошти таҷрибаи ғании Миср дар ин соҳа ва имкониятҳои фарох дар Тоҷикистони дорои табиати нотакрор ва мавзеъҳои ҷолиби сайёҳӣ. Ин фурсат барои кушодани ширкатҳои муштарак ва хатсайрҳои мустақими ҳавоӣ замина муҳайё месозад.

Аз нигоҳи таърихӣ мо метавонем рушди муносибатҳои Тоҷикистону Мисрро ба ду марҳилаи хронологӣ гурӯҳбандӣ намоем:

Якум - муносибатҳои Тоҷикистону Миср... шарҳи таърихӣ то барпо шудани муносибатҳои дипломатӣ байни онҳо (то 1993):

Таърихи муносибатҳои тоҷикону мисриён аз замонҳои Ориёни куҳан ва Мисри бостон сарчашма мегирад. Иртиботи таърихии тамаддуни Мисри

кадрҳои ҷавони замони истиқлоли давлатии Тоҷикистон нақши намоён бозид.

Табодули иттилооту таҷриба ва омӯзишу корбарии таҷрибаи ғании Миср дар роҳи бартарафсозии мушкилоти солҳои аввали истиқлоли Тоҷикистон, аз ҷумла дар роҳи мубориза бо терроризму ифротгароӣ ва таҳкими пояҳои истиқлоли давлати ҷавону тозабунёд басо арзишманд буд.

Мавриди зикр аст, ки Миср дар сиёсати хориҷии Тоҷикистон мақоми муҳим дорад, зеро ин кишвар дар Ховари Миёна ва қитъаи Африқо дорои нақши меҳварӣ буда, аз ҷумла дар мавзӯъҳои байналмилалию минтақавӣ аз мавқеъҳои бо мо наздик ва ё ҳамсон ҳарф мезанад.

Имрӯз, дар ҳоле ки ду кишвар аз 30-юмин солгарди барпошавии муносибатҳои дипломатии миёни ҳам сухан мегӯянд, равобити онҳо дар бисёр масоили дуҷониба, аз ҷумла мубориза бо терроризм ва ифротгароӣ, қочоқи маводи мухаддир, ҷиноятҳои муташаккили фаромиллӣ ва дигар хатару чолишҳои минтақавию байналмилалӣ ва ҳамчунин дар соҳаи манъи фаъолияти ҳизбҳо ва гурӯҳҳои ғайриқонунӣ бо ҳамдигар ҳамоҳанг мебошанд, зеро ҳар ду кишвар бо таҳдиди Ихвонулмуслимин ва шохаҳою пайравони он рӯбарӯанд. Дар робита ба ин, ҷолиби диққат аст, ки Миср дар конфронси байналмилалии ахири Тоҷикистон, ки моҳи октябри соли 2022 дар Душанбе таҳти унвони «Ҳамкории байналмилалӣ ва минтақавӣ дар соҳаи амният ва идораи сарҳад барои мубориза бо терроризм ва пешгирии ҳаракати террористон» баргузор шуда буд, фаъолона иштирок намуд.

Дар ин замина мешавад аз нақши Ал-Азҳар ва ҳамкории судманди он бо ниҳодҳои динии Тоҷикистон сухан гуфт, зеро Ал-Азҳар муҳимтарин ниҳоди динӣ дар нашри афкори дурусти дини ислом ва арзишҳои исломӣ ба шумор рафта, таҳаммулпазирӣ, муҳаббат, сулҳ, рӯҳияи васатӣ, эҳтирому қабули фикри дигарон ва муқовимат бо ифротгароӣ ва терроризмро таблиғ менамояд.

Ҷойи таъкид аст, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ибтикору афкори Президенти Ҷумҳурии Арабии Миср Абдулфаттоҳ Ас-Сисӣ доир ба дарки дурусту таълиму тарғиби саҳеҳи дини мубини ислом ва пешгирӣ аз таҳрифи фармудаҳои қуръонӣ баҳои баланд дода, истифода аз ин андешаҳоро барои ҷомеъаи Тоҷикистон судбахш медонанд.

Тоҷикистон ва Миср... ду кишвари аз ҷиҳати ҷуғрофӣ дур, вале аз нигоҳи таърихӣ ва фарҳангӣ ба ҳам наздиканд. Робитаҳое, ки миёни ду мардуми бостонӣ, аз ҷумла дар доираи Роҳи Абрешим ва Роҳи Лоҷувард ҳазорсолаҳо ҷараён мегирифт, аз қаробати таърихию фарҳангии онҳо гувоҳӣ медиҳад. Сипас тамаддуни исломӣ робитаи таърихию фарҳангии ду мардумро амиқтару пурсамар намуд, аз ҷумла тавассути нақши бузурги донишмандони ҷаҳоншумули тоҷик, ки бархе аз онҳо дар Миср ҳам муддатҳо кору зиндагӣ намуда, бо олимону мутафаккирони он табодули илму маърифат кардаанд.

Пас аз эълони истиқлолияти Тоҷикистон дар авоили солҳои навадуми асри гузашта барои наздикшавии амиқи ду кишвар роҳи нав боз шуд, зеро давлати Миср истиқлолияти Тоҷикистони навинро ба зудӣ ба расмият шинохт ва бо он муносибатҳои дипломатӣ барпо намуд. Ҳамин тариқ марҳилаи нави ҳамкорӣ оғоз ёфт. Давлати Миср тавассути Фонди дастгирии кишварҳои тозаистиқлоли пасошӯравӣ ва барпосозии даврaҳои таълимию бозомӯзӣ дар омодасозии

Боби якум

Тоҷикистон ва Миср... таърихи гӯянда аз ҳамбастагӣ

кишвар, ё дахолатҳои хориҷӣ ва ё ба шиддати вазъият дар муносибатҳои байналмилалӣ ба мушоҳида мерасид.

Аз ин лиҳоз, ҳадаф аз нашри ин китоб-албом равшанӣ андохтан ба раванди равобити ду кишвари дӯст бо таъкиди ду нукта аст.

Якум, ин китоб-албом нахустин аз ин гуна аст, ки бо забонҳои тоҷикию арабӣ нашр шуда, вазъи гузашта, имрӯза ва дурнамои робитаҳои ду кишвар ва ду мардуми бостониро баён менамояд.

Дувум, бунёди ояндаи ҳар кишвар ба тавони мутолиаи таърих ва баҳрабардорӣ аз рӯйдодҳои он вобаста аст. Аз сӯйи дигар, дарки замони ҳозира ва печидагиҳои он ва талош барои бозкушоии гиреҳҳои сарбаста бо ҳадафи таҳияи харитаи дақиқи роҳ барои рушди равобити оянда басо муҳим аст. Боистӣ, ки ченакҳо ва омилҳои мусоид ба наздикшавӣ чун монандиҳо, наздикиҳо ва умумиятҳои ду кишвару ду мардум, роҳбарияти ду давлат ва сиёсатҳову равандҳои ҳамонанд ва ҳамчунин монеаҳои наздикшави онҳо дар мадди назар бошанд.

Хулоса, Тоҷикистон ва Миср бо тамаддуну ҳамкории муштараки худ ду кишвари муҳими муборизи бо терроризм ва ифротгароӣ дар ҷаҳони ислом дониста мешаванд, аз ҷумла дар муқовимат бо созмонҳои даҳшатафкане, ки бо номҳои гуногун дар ду кишвар ва ду минтақа амал мекунанд.

Муаллиф

Сафир Заробиддин Қосимӣ

Тоҷикистон ва Миср
таърихи тӯлонӣ, имрӯзи созанда ва ояндаи шукуфон

ПЕШГУФТОР

Таърих ва ҷуғрофиё ду шакли ҳамбастагии инсонӣ ҳастанд. То замоне, ки равобити тарафҳо шоҳиди таъсири мутақобила ва ҳамгироиҳо набошанд, таърих навишта намешавад, зеро он сабти рӯйдодҳо, хотираи наслҳо ва майдони муаррифии таҷрибаҳост, ҳамон гуна, ки дар муносибатҳои Тоҷикистону Миср дида мешавад.

Дуруст аст, ки равобити дипломатии ду кишвар аз авоили солҳои 90-уми садаи 20 бо даст ёфтани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба истиқлоли давлатӣ дар пайи пошхӯрии Итиҳоди Шӯравӣ оғоз ёфта, аммо ин ҳам дуруст аст, ки мардуми тоҷик дар тӯли таърихи пурғановати худ аз умқи ҳазорсолаҳо бо мисриён робитаҳои дӯстию ҳамкорӣ доштанд.

Аз ин ҷост, ки Тоҷикистони навин ва Мисри бостонӣ ба зудӣ равобити хуби ҳамкорӣ ба роҳ андохтанд, ба хусус дар соҳаи маориф, омодасозии кадрҳо, табодули маълумоту таҷриба ва дар соҳаи амният тавассути талошҳои муштараки онҳо дар мубориза бо терроризм ва ифротгароӣ.

Имрӯз, ки мо сиюмин солгарди барпошавии равобити дипломатии Тоҷикистону Мисрро таҷлил мекунем, аз роҳу равиши ин равобит ва шебу фарозҳои роҳи сисола ёдовар мешавем. Шебҳо ва ё то андозае кундшавии робитаҳо дар баъзе марҳилаҳо дар вобастагӣ ба вазъияти дохилӣ дар яке аз ду

Феҳрасти китоб-албом

Пешгуфтор

Боби якум:

Миср ва Тоҷикистон... таърихи гӯянда аз ҳамбастагӣ

Боби II:

Миср ва Тоҷикистон... Дипломатияи ҳамоишҳо ва мулоқотҳои сатҳи олӣ

Боби III:

Сафорати Тоҷикистон дар Қоҳира... фаъолияти пурсамар ва нақши фаъол

Боби чорум:

Тоҷикистон ва Миср... рӯ ба ҳамгироии оянда

Хотима

Феҳрасти сарчашмаҳо

китоб: Тоҷикистон ва Миср…Сӣ соли ҳамкорӣ
таърихи тӯлонӣ, имрӯзи созанда ва ояндаи дурахшон

Муаллиф: Сафир Заробиддин Қосимӣ

Нашри аввал: 2024

Роҳбари санъат ва дизайн: Eng\ Муҳаммад Салем

Тоҷикистон ва Миср… Сӣ соли ҳамкорӣ

таърихи тӯлонӣ, имрӯзи созанда ва ояндаи дурахшон

Сафир Заробиддин Қосимӣ

2024